**№1074/7.1 аз 15.02.2013**

<u>*Барои маълумот*</u>

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти
давлатӣ дар ВМБК, вилоятҳои Суғду
Хатлон, ш. Душанбе ва ШНТҶ

Нусха: Мақомоти ҳудудии андоз

Аз мавриди амал қарор гирифтани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" аз 31.08.2012, №451 зиёда аз як моҳ сипарӣ гардид. Чуноне, ки таҷрибаи татбиқи қарори мазкур нишон дода истодааст, сарфи назар аз корҳои зиёди тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани санадҳои мазкур аз тарафи мақомоти андоз анҷом дода шуда буд ва ҳоло ҳам идома дорад, мутаасифона, аз ҷониби баъзе шаҳрвандон ва соҳибкорони инфиродӣ на ҳамаи муқаррароти нави ҷоришуда дуруст дарк ва фаҳмида мешавад.

Қарори мазкур бо назардошти аз номгӯи андозҳо хориҷ гардидани андоз аз фуруши чаканаи молҳо ва такмили низоми андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 01.01.2013 мавриди амал қарор дорад, қабул карда шудааст.

Дар қарор таклифҳои дар доираи муҳокимарониҳои лоиҳаи таҳрири нави Кодекси андоз пешниҳодшуда, эродҳо ва мурочиатҳои андозсупорандагон оид ба номукаммалии муқаррароти алоҳидаи қарори то 01.01.2013 амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2009 таҳти №656, ки дар вохуриҳои бо соҳибкорон баргузоршуда дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ, дар Кумитаи андоз, дар Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ изҳор гардида буданд, ба инобат гирифта шудаанд.

Мақсад аз қабули қарор пеш аз ҳама таъмини шаффофии андозбандӣ дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва риояи адолати андозбандӣ дар байни соҳибкорон мебошад.

Таҳлили рафти андозбандии соҳибкорони инфиродӣ, ки таи чор соли охир дар асоси патент ва шаҳодатнома тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2009, №656 амалӣ мегардид, нишон дод, ки аз сабаби дар баъзе қисматҳо номукаммал будани ин санади меъёрии ҳуқуқӣ, миёни кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорони инфиродӣ баҳсҳо пайдо мегарданд.

Аз ҷумла:

- бисёри соҳибкорони инфиродӣ, асосан он соҳибкороне, ки ба хариду фурӯш машғул мебошанд, барои новобаста аз масоҳати савдо якхел андозбандӣ шуданашон изҳори норозигӣ менамуданд;

- нуқтаҳои калони савдо ва хизматрасонии моликияти шахсони алоҳида, бо ҳуҷҷатгузории фаъолияти соҳибкорӣ дар номи якчанд андозсупоранда барасмият дароварда шуда буданд ва худи онҳо аз андозбандӣ канорачӯи менамуданд;

- қисман шахсони ҳуқуқӣ бо мақсади канорачӯи аз пардохти андози даромад ва андози иҷтимоӣ, кори кироярo бо гирифтани патент ва ё шаҳодатнома расмӣ мегардониданд. Дар натиҷа ҳуқуқи ҳифзи иҷтимоии чунин кормандон поймол мегардид;

- дар қарори қаблан амалкунанда муқаррароти истисноӣ оид ба пардохт накардани маблағи патент дар ҳолати беморӣ, рӯй додани сӯхтор дар ҷойи фаъолият ва ё фавти соҳибкор пешбинӣ нагардида буд, ки норозигии соҳибкоронро ба миён оварда буд;

- қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ оиди ҳадди муқарраршудаи андози иҷтимоӣ барои аъзоёни худ (15 сомонӣ) изҳори норозигӣ менамуданд.

Бинобар ҳамин, кӯшиш карда шуд, ки ҳангоми таҳияи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 то ҳадди имкон чунин камбудиҳо бартараф карда шаванд ва дар натиҷа дар асоси қарори мазкур ба тартиби андозбандии соҳибкорони инфиродӣ чунин тағйиротҳои асосӣ ворид карда шуд:

- маблағи патент вобаста ба раста ва масоҳати ҷойи фаъолият муайян карда шуд;

- муқаррар карда шуд, ки ҳангоми ба амал омадани сӯхтор дар маҳалли фаъолият, бемории бистарӣ шудани соҳибкор, маблағи патент пардохт карда намешавад;

- ба соҳибкор имконият дода шуд, ки барои қатъ намудани фаъолияти худ то санаи 5 моҳи минбаъда муроҷиат намояд (қаблан ин мӯҳлат то ҷамъбасти моҳ муқаррар шуда буд);

- баъзе намудҳои фаъолият, ки нисбатан даромаднoктар мебошанд, аз номгӯи фаъолият бо патент хориҷ карда шуда, ба роҳ мондани чунин фаъолиятҳо дар асоси шаҳодатнома пешбинӣ гардид (забҳи мол ва фурӯши гӯшт, нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти ҳасиб, маҳсулоти тамокӯ, фурӯши орд, маҳсулоти сохтмонӣ, фурӯши молҳои омехта дар ҷойи фаъолияти зиёда аз 10 метри квадратӣ ва амсоли онҳо);

- барои саҳмдорон-аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ меъёри андози иҷтимоӣ ба ҷойи 15 сомонӣ ба андозаи 10 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шуд ва ғайраҳо.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки меъёри патент барои як қатор намудҳои фаъолият кам карда шудааст (корҳои граверӣ, кандакорӣ, маҳсулоти бофташуда ва гулдӯзикардашуда, бе ҷойи нишаст тайёр намудан ва фурӯши таомҳо, кашонидани мусофирон ба воситаҳои автобусҳо, кашонидани борҳои гуногун то 5 тонна ва ҳоказо).

Вобаста ба зиёд шудани меъёрҳо барои намудҳои алоҳидаи фаъолият бояд махсус қайд намуд, ки бо мақсади таъмини адолатнокии

гаронии андоз меъёрҳое, ки бо маблағ муқаррар карда мешаванд, бояд ҳар сол бо назардошти сатҳи таваррум индексатсия карда шаванд. Зеро, ҳангоми дар шакли фоиз муқаррар шудани меъёрҳо дар ҳолати тағйир ёфтани сатҳи таваррум таносуби ҳаҷми даромад ва ҳаҷми андозҳо худ ба худ танзим мегардад. Бинобар ҳамин, дар ҳолати индексатсия нашудани меъёрҳои бо маблағ муқарраршаванда ин принсип халалдор мегардад. Дар ҳамин асос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андози замин, андози ягона, пардохтҳои ҳатмӣ, ки меъёри онҳо бо маблағ муқаррар шудааст, ҳар сол бо назардошти сатҳи таваррум индексатсия карда мешаванд. Тартиби индексатсия шудани меъёри патентҳо низ то қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №273, ки фаъолияти соҳибкорони инфиродиро танзим менамуд, истифода мегардид. Аммо дар асоси қарори мазкур меъёрҳои қаблан амалкунандаи патентҳо бе тағйир мононда шуда, тартиби индексатсия кардани он аз байн бурда шуд. Бинобар ҳамин, дар баробари ҳар сол бо назардошти сатҳи таваррум индексатсия шудани меъёрҳои андозҳои бо маблағ муқарраршуда (аз қабили андози замин, андози ягона, андоз аз молу мулки ғайриманқул), тайи 6 соли охир маблағи патент бе тағйир монд, ки вобаста ба тағйир ёфтани арзиши молҳо, кор ва хизматрасонӣ ва сатҳи даромаднокӣ ҷавобгӯи принсипи андозбандии воқеӣ набуд. Ҳол он ки тибқи маълумотҳои расмии оморӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2008 сатҳи таваррум 3,5 фоиз, дар соли 2009 - 5 фоиз, дар соли 2010 - 9,8 фоиз, дар соли 2011 - 9,3 фоиз ва дар соли 2012- 6,4 фоизро ташкил додааст. Ба ҳамин тариқ, агар маблағи патент тибқи принсипҳои эътирофшудаи андозбандӣ ҳар сол индексатсия карда мешуд, пас ҳаҷми он дар ин солҳо то ба имрӯз бамаротиб зиёд мегардид. Ҳол он ки барои аксар намудҳои фаъолият, ки меъёри онҳо дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 зиёдтар карда шудааст, ҳаҷми афзоиши меъёр ҳамагӣ аз 5 сомон то 50 сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, бояд ба инобат гирифт, ки тибқи тартиби муқарраршуда нисбат ба патент коэффитсиентҳои танзимкунанда пешбинӣ шудааст, ки дар асоси он маблағи патентҳо дар як қатор ноҳияҳо вобаста ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо нисбат ба маблағҳои дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 муқарраршуда пасттар мегардад.

Вобаста ба масоҳати ишғолнамуда пешбинӣ намудани меъёрҳои патент дар мавриди фаъолияти «фурӯши молҳои ниёзи мардум ва маҳсулоти хурока» дар назар дошта шудааст. Ба сатҳи даромаднокӣ, масоҳати ишғолнамудаи ҷои фаъолият низ таъсир расонида метавонад. Андозбандии ин намуди фаъолият дар қарори пешина дар шакли гурӯҳҳои алоҳида пешбинӣ шуда, нвобаста аз ин нишондодҳо як хел андозбандӣ карда мешуд. Бинобар ҳамин, барои адолатнок шудани меъёри патент, барои масоҳати савдо дар ҳаҷми 1 метри мураббаъ меъёри минималӣ, барои 2 метр меъёри бештар ва барои аз 2 то 3 метр дигар меъёр пешбинӣ карда шудааст.

Ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси шаҳодатнома, соҳибкор вобаста ба даромади умумии бадастовардааш андозбандӣ карда мешавад.

Инчунин дар тартиби нав пешбинӣ шудааст, ки баъзе намудҳои фаъолият бо назардошти ҳаҷми даромаднокии онҳо ва бо мақсади пешгирӣ намудани роҳҳои канораҷӯӣ аз пардохти андозҳо ва таъмин намудани пешбурди ҳисоби муҳосибӣ ва андозӣ, бо ташкил намудани шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда шаванд, аз ҷумла, фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ.

Бо назардошти он ки зиёда аз 75 фоизи андозсупорандагони дар қайди мақомоти андоз бударо шахсони воқеие ташкил менамоянд, ки дар асоси патент, шаҳодатнома ва ё бо ташкили хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, ҷиҳати дар амал дуруст татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти №451, ки фаъолияти онҳоро ба танзим медарорад, китобчаи алоҳида таҳти унвони "Тафсири мухтасари қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451" дар ҳаҷми 40 ҳазор адад, "Дастури мухтасар доир ба андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки бо шаҳодатнома фаъолият менамоянд" дар ҳаҷми 20 ҳазор адад ва "Дастури мухтасар доир ба фаъолият бо патент" дар ҳаҷми 50 ҳазор адад ба чоп расонида шуда, дар семинар-машваратҳо ва бевосита дар ҷойҳои кории соҳибкорони инфиродӣ ба тариқи ройгон дастраси онҳо гардонида шуд. Зиёда аз ин, дар се моҳи охири соли 2012 илова ба намоишу барномаҳои телевизионӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз, оид ба қонунгузории андоз, ки аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шудааст, бо иштироки соҳибкорон зиёда 300 семинар – машваратҳо гузаронида шуд.

Сарфи назар аз ин, раванди мавриди амал қарор додани тартиби нави андозбандии соҳибкорони инфиродӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мутаассифона, то ҳанӯз як қисмати соҳибкорони инфиродӣ ва намояндагони баъзе расонаҳои хабарӣ муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 31 августи соли 2012, № 451 дуруст дарк ва аз худ накардаанд ва бинобар ҳамин, ба иштибоҳот роҳ медиҳанд.

Вобаста ба андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома ва норозигии як қисмати соҳибкорон аз ин тартиби андозбандӣ бояд қайд намуд, ки шаҳрванд бо тартиби соддатарини андозбандӣ, яъне дар асоси патент ба соҳибкорӣ оғоз намуда, пас аз пайдо кардани таҷриба ба тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудан мегузарад ва аллакай ҳуқуқ дорад, ки коргари кироя гирад, фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ созад, инчунин ӯҳдадор аст муҳосиботро пеш барад ва ба мақомоти андоз эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозро пешниҳод намояд.

Дар ҳар сурат барои дар шакли шахси ҳуқуқӣ фаъолият намудани андозсупоранда ва пурра ба иқтисоди бозаргонӣ ворид гаштани он, ин зина метавонад як зинаи навбатӣ ва ба даст овардани таҷрибаи кофии соҳибкорӣ бошад. Қонунгузории амалкунанда, барои соҳибкорони

инфиродӣ пешбурди ҳисобдории шакли соддакардашударо муқаррар намуда бошад ҳам, мутаассифона, баъзе аз соҳибкорони инфиродие, ки дар масоҳатҳои калон ба соҳибкорӣ машғул мебошанд ва мутаносибан даромадашон нисбатан зиёдтар буда, бояд дар асоси шаҳодатнома фаъолияти худро ба роҳ монанд, аз пешбурди ҳисобдории расмии муҳосибӣ ва вобаста ба даромади умумиашон андозбандӣ шудан, мехоҳанд худдорӣ намоянд, ҳол он ки ҳамаи соҳибкорон барои истифодаи худ ҳатман ҳисобу китобро мебаранд ва даромаду хароҷоти воқеии худро аниқ медонанд. Ҳатто соҳибкороне, ки ба воридот машғул гардида, ҳадди даромади солонаашон зиёда аз 100 ҳазорҳо сомониро ташкил медиҳад, мехоҳанд ҳоло ҳам фаъолияти худро дар асоси патент бе пешбурди ҳисобдори амалӣ намоянд, ки моҳиятан маънои аз андозбандӣ пинҳон намудани даромади воқеиро дорад.

Дар айни замон тибқи маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ зиёда аз соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз он нафарро соҳибкорони инфиродие ташкил медиҳанд, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд. Худи ҳамин рақам аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тартиби бо шаҳодатнома фаъолият намудани соҳибкорони инфиродӣ мураккаб ва маблағи андозҳои тибқи ин тартиб пардохташаванда то он дараҷа гарон намебошад, ки бо шаҳодатнома фаъолият намудани соҳибкорони инфиродиро имконнопазир гардонад. Ҳолатҳои аз маблағи патент ҳам камтар пардохт гардидани маблағҳои андоз ҳангоми фаъолият дар асоси шаҳодатнома, хело зиёд аст. Бинобар ҳамин эроду норозигии як қисмати андозсупорандагон доир ба ин тартиб асосҳои воқеӣ надорад.

Бо мақсади татбиқи дуруст ва пурраи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2013, №451 мақомоти андоз бо андозсупорандагон вохӯриҳо ва семинар-машваратҳо гузаронида, корҳои тавзеҳотӣ ва фаҳмондадиҳиро идома дода истодаанд.

Муовини аввали Раис А.Солиев